**ҚАРОРИ**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 12 апрели соли 2024, №36** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Иброҳимзода И.Р., тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, Сайфуллозода Сулаймон Сайфулло, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Умаров Х., д.и.и., дотсент Ҳикматов У.С., д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М., н.и.и. Убайдуллоев Ф.К. ва раиси шуро д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н., Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Ибодов Аваз Ҳасанович,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;
3. Ба Ибодов Аваз Ҳасанович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро

ҷонибдорӣ намояд ва Ибодов Аваз Ҳасановичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ. Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**12 апрели соли 2024.**